# ТАҚРИЗ

ба автореферати кори диссертатсионии Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои чуворимакка дар кишти ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01.- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Таъмини амнияти озуқаворши кишвар тақозо менамояд, ки баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва дар ин замина зиёд намудани махсулотҳои ғизоии истеҳсоли худӣ, проблемаҳои муҳим ва асосӣ дар сиёсати имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз мутахасисон, кишоварзон,муҳаккиқон, ва дигар масъулини соҳа масъулияти бештареро талаб менамояд. Афзоиши босуръати нуфузи аҳоли тақозо менамояд, ки ҳар як қитъа замини корамро эҳтиёт карда, маҳсулнокии онро баланд бардоштан зарур аст. Дар ин замина Пешвои Миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон борҳо таъкид намуданд, ки ҳар як қитъа заминро самаранок истифода бурда, камаш ду-се ҳосил аз як замин рӯйёнидан зарур аст.

Яке аз захираҳои муҳими зиёд намудани истеҳсоли дони зироатҳои ғаллагӣ ва дар ин замина афзун намудани миқдори хӯрокаи чорвою парранда, асосан ба роҳ мондани кишти ангории (такрорӣ) зироатҳо, аз он ҷумла чуворимакка аз амалҳои муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад. Чунки ин амал имконият медиҳад, ки аз як масоҳати заминҳои корам ду ҳосили дон ба даст оварда шавад ва дар натиҷа маҳсулнокии як гектар замини обӣ якчанд маротиба баланд бардошта шавад. Аз ҳамин сабаб истифодаи самараноки заминҳои корам ва тамоми сол истифодабарии он яке аз проблемаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, ҳалли он минтақа ба минтақа яке аз дастовардҳои муҳим дар ин соҳа ба шумор меравад.

Барои рӯёнидани ҳосили баланд дар киштҳои ангорӣ омӯзиши навъ ва дурагаҳои мухталифи чуворимакка, ки дар давраи кӯтоҳтарини

нашъунамо ҳосили баланди дон ва баргу пояи сабзро таъмин менамояд, ки дорои аҳамияти калони истеҳсолӣ мебошад. Кори илмӣ – таҳқиқотии анҷомдодаи диссертант Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар кишти ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» актуалӣ ва саривақти буда, барои таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар саҳми муайяни худро гузошта метавонад. Кори диссертатсионии анҷомдодаи Аламуратов Б.Б ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда мутобиқ буда, аҳамияти калони илмию – истеҳсолӣ дорад.

Навгонии кори илмии анҷомдодашуда аз он иборат аст, ки аввалин маротиба дар шароити иқлими минтақаи Кӯлоби вилояти Халони Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои сабзишу инкишоф ва маҳсулнокии навъҳои нави селексияи олимони тоҷик вобаста ба зичии ниҳолҳои онҳо дар киштҳои ангорӣ пас аз гандуми тирамоҳӣ муайян карда шудааст. Ба ғайр аз ин, дар ҷараёни таҳқиқотҳои илмӣ таъсири тавъами гандуми тирамоҳи бо ҷуворимаккаи ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои он ба ҷамъшавии моддаҳои органикӣ аз ҳисоби ҳосили хошоки гандуми тирамоҳӣ, баргу пояи хушки ҷуворимакка ва боқимондаҳои решагии онҳо муайян карда шудааст.

Таҳлили натиҷаҳои таҷрибаҳои саҳроӣ нишон медиҳанд, ки бори аввал самаранокии навъҳо ва зичиҳои оптималии навъҳои нави селексияи ватанӣ муайян карда шудааст. Навъҳои интихобшуда ва зичиҳои оптималии ниҳолҳои тавсияшуда имконият додаанд, ки аз киштҳои ангории ҷуворимакка вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо аз 5,8 то 7,6 т/га дон рӯйёнда шавад. Ҷамъи ҳосили ғалла дар низоми руйёндани ду ҳосили дон вобаста ба омили таҳқиқшаванда дар доираи аз 12,6 то 14,4 т/га – ро ташкил накмудааст, ки ин нишондодҳо дар кишоварзии Тоҷикистон беназир ба шумор мераванд.

Диссертант вобаста аз натиҷагирии кори илмии худ ба истеҳсолот дар шароити заминҳои корами обӣ низоми рӯёнидани ду ҳосили донро

дар як сол тавассути гандуми тирамоҳи якҷоя бо ҷуворимаккаи ангорӣ татбиқ намуда, дар мадди аввал истифодаи навъи «Дилшод» бо зичии 60 ҳаз/га ниҳолро пешниҳод намудааст. Инчунин парвариши навъҳои ҷуворимаккаи «Аскар», «Зоҳир» ва «Шуҳрат» бо зичии 50 ҳаз/га ниҳол самараи хуб додаст. Ҳангоми ҷамъоварии ҳосили баргу пояи ҷуворимакка вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои онҳо ба таври илова 1,6 то 5,5 т/га воҳиди хӯрокаи протеини ба даст оварда шудааст.

Дар умум муайян карда шудааст, ки самаранокии иқтисодии ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои навъҳои «Аскар», «Зоҳир» ба зичии ниҳолҳо 50 ҳаз/га ва «Дилшод» бо зичии 60 ҳаз/га ниҳол шароит фароҳам овардааст, ки аз ҳар як воҳиди масоҳат мутаносибан 3910,5; 3314,6 ва 4655,6 сомонӣ/га даромади соф бо дараҷаи даромаднокии 58,0; 49,2 ва 69,0 % ба даст оварда шавад, ки ин арзиши баланди илмию – истеҳсолӣ дорад.

Кори диссертатсионии Аламуратов Бахтиёр Боронович ҳамчун кори илмӣ – таҳқиқотии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, ба проблемаи парвариши ҷуворимакка дар кишти ангорӣ дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки пурра ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 «тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, номбурда сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01.- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзи
академики АИКТ ходими калони
илми шуъбаи биологияи хок Институти
хокшиноси ва агрохимия аз рӯйи
ихтисос 06.01.01- зироаткори умумӣ, растанипарварӣ Бухориев Т.А.

имзои Бухориев Т.А ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
Хокшиноси ва агрохимия Шабнами Раҳимҷон
« 5 » 06 2023

Ҷумҳурии Тоҷикистон,734025. Душанбе. хиёбони Рудакӣ 21 а
Телефон.(+992) 935052274